ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Исмонов Кароматулло Бадридинович дар мавзуи "Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва 10.02.22 – Забонҳои мамолики хоричии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ)

Диссертатсияи Исмонов Кароматулло Бадридинович ба омӯзишу баррасии забоншиносии араб ва саҳми забоншиносони форсу тоҷик дар ташаккули забоншиносии мазкур бахшида шудааст. Рисоланавис муваффақ шудааст, ки дар диссертатсия мақому манзалати намояндагони миллати куҳанбунёди тоҷику форсро, ки дар гузоштани санги аввали забоншиносии араб ва ривоҷу равнақи минбаъдаи он саҳми назаррас доранд, мавриди пажуҳиш қарор диҳад.

Мубрамии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бидуни омӯзиши таърихи забоншиносии араб наметавон аз бархе паҳлуҳои таърихи афкори забоншиносии классикии форсу тоҷик парда бардошт, зеро афкори забоншиносии классикии форсу тоҷик бо забоншиносии классикии араб алоқамандии зич дорад. Чунончи, ташаккули забоншиносии форсу тоҷик маҳз дар зери таъсири забоншиносии араб сурат гирифтааст.

Навгонии диссертатсияро метавон дар он хулоса кард, ки он дар забоншиносии тоҷик, хусусан дар арабшиносии ин миллат нахустин таҳқиқотест, ки ба таври возеҳу равшан ҷойгоҳи мутафаккирони форсу тоҷикро дар пешрафти забоншиносии араб, ки яке аз маънавиёти бузурги башарӣ дониста мешавад, инъикос менамояд.

Рисола дар асоси панҷ боб таълиф шуда, мазмуну муҳтавои бобҳо мантиқан идомаи якдигар буда, пайдарҳамии таҳқиқро таъмин намудаанд. Ҳар як фаслу боб ва зербобҳо аз ҷониби муаллиф хулоса ва натиҷагирӣ шудаанд.

Дар баробари ин дар диссертатсия ва автореферати кор баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори таҳқиқиро беҳтар хоҳанд кард.

1.Дар тамоми матни диссертатсия калимаи Ислом тибқи талаботи имло бо ҳарфи хурд (ислом навишта шавад) ва пас аз калимаи чунончи аломати вергул гузошта шавад;

2.Асосҳои методологии таҳқиқ такмил мехоҳад;

3. Дар саҳифаи 113 дар қатори муҳаққиқони фразеологияи забони тоҷикӣ номҳои Н. Гадоев, С. Ҷӯраева ва дигарон ворид карда шаванд.

4.Ҳамаи ғалатҳое, ки дар ҳошияи диссертатсия оварда шудаанд, ислоҳ карда шаванд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисосҳои 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва 10.02.22 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 1 монография ва 28 мақола, ки аз онҳо 20 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Исмонов Кароматулло Бадридинович истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Исмонов Кароматулло Бадридинович дар мавзуи "Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дарачаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва 10.02.22 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дарачаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи доктории Исмонов Кароматулло Бадридинович дар мавзуи "Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб" доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва 10.02.22 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисосҳои 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва 10.02.22 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Султон Ҳасан Баротзода** – доктори илми филология, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии МДТ "Филиали Донишгоҳи милии таҳқиқотии технологии "МИСиС" дар шаҳри Душанбе;

- **Шафоатов Азал Нусратович** – доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** пешниҳод мешавад.

4.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи эксперти:
доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Саломиён М.Қ.

Аъзои комиссияи эксперти:
доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарифова Ф.Х.

доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н.Қ.

"14" феврали соли 2023